# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-096 назди Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ба диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ**

**1. Мутобиқати мавзуъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯйи он ба шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи дисссертатсияҳо иҷозат дода шудааст.**

Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандӣ дошта, он ба Консепсияи сиёсати аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тахти №658 аз 31 декабри соли 2008 оид ба рушди таъминоти комплекси агросаноатии мамлакат равона карда шудааст, мувофиқ мебошад.

Тадқиқоти илмӣ дар асоси нақшаи барномаи корҳои илмию тадқиқотии факултети агрономии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур «Такмилдиҳии технологияи парвариши зироатҳои кишоварзӣ (рақами бақайдгирии давлатӣ 01011ТД068) барои солҳои 2015 - 2020 иҷро карда шудааст.

Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ хеле мубрам буда, таҳқиқоти илмии ба анҷом расида documentation дониста шуда, заҳмати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба шумор меравад, ки ба ҳалли масъалаи муҳим - интихоби дурусти зироат ва муайянкунии истифодабарии меъёрҳои гуногуни нуриҳои маъданию органикӣ бо назардошти шароити иқлимию хокӣ имконият фароҳам меорад, ки давраи мусоиди нашъунамо барои зироати маҳсулоташ бештар ба хориҷи кишвар содиротшаванда бехпиёз ба пуррагӣ истифода шавад. Дигар хусусияти мусбати он ин баланд бардоштани ҳосилнокии зироати бехпиёз бо роҳи истифодаи навъҳои нави серҳосил ва мукаммалгардонии технологияи парвариш амалӣ гардонида шудааст. Дар ин замина, метавон гуфт, ки кори диссертатсионии Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич ҳамчун тадқиқоти илмии баанҷомрасида ҳисобида шуда, саҳми шахсии довталаб дар раванди таҳияи диссертатсия хеле калон мебошад.

Ақидаҳои илмӣ, гузаронидани таҷрибаҳои саҳроӣ, коркардҳои математикию омории натиҷаҳои илмии ба дастовардашуда, хулоса ва тавсия ба истеҳсолот, ки барои пешрафти илми кишоварзӣ метавонад мусоидат намоянд, ба муаллифи диссертатсия тааллуқ доранд. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби муаллиф мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои илмӣ инъикос гардидаанд. Тадқиқоти илмии муаллиф баланд бардоштани ҳосилнокии зироати бехпиёз ва сифати молии он ҳамчун маҳсулоти содиротшаванда дар асоси мукаммалгардонии технологияи парвариш, муайян намудани меъёри муътадили нуриҳои маъданӣ, самаранок истифодабарии заминҳои обӣ дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва тағйирёбии иқлим дар киштҳои тирамоҳӣ ва баҳорӣ илман асоснок намудааст, ки метавонанд гирифтани ҳосили баланду хушсифатро дар минтақаи Кӯлоб то ба 60 т/га таъмин намоянд.

Диссертатсия ва автореферати он аз рӯйи мавзуъ ва муҳтаво ба ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ ва илми кишоварзӣ мувофиқат мекунад.

2. **Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ**

Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба бандҳои 1,2,4,6,7,9-и шиносномаи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2025 фармоиши №175/шд, ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷаҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ аст.

3. **Оид ба мукаммал инъикос ёфтани муҳтавои кори диссертатсионӣ дар таълифоти нашршудаи довталаб**

Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти кори диссертатсионӣ 17 мақолаи илмӣ ба нашр расонида шудааст. Аз онҳо 8 мақола дар маҷаллаҳои аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда, 9 мақола дар маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияҳои байналмилалию ҷумҳуриявӣ чоп карда шудааст, ки ҳамаи онҳо ба мазмуну ва мундариҷаи диссертатсия алоқаманд мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои тадқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

**4.Дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия**

Дар диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ва натиҷаҳои илмии дар асоси таҷрибаҳои илмии саҳрой ба дастовардаи муаллиф ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

5.**Эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқи диссертатсионӣ.** Натиҷаҳои тадқиқоте, ки дар асоси таҷрибаҳои саҳрой Кулиев Қ.Ҳ., ба даст овардааст, эътимодноканд, зеро тадқиқот дар сатҳи баланди илмию методӣ бо истифода аз услубҳои умумиэътирофшуда ва махсус дар сабзавотпарварӣ гузаронида шудаанд ва дурустии маводи аввалияро муайян мекунад. Дар ҷараёни тадқиқот санҷиш ва тасвиби амалии натиҷаҳои бадастомада гузаронида шудааст. Коркарди маводи рақамии дар рафти таҷрибаҳо ба даст овардашуда дар асоси методҳои оморӣ ва математикии таҳлил бо истифода аз барномаи компютерии Microsoft Excel бо муайян кардани меъёри эътимоднокии Стюдент анҷом дода шудааст.

**5.Вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шуро**

Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи унвонҷӯ чоп гардида, мавҷуд нест.

Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD) пешбинӣ шудааст, мувофиқат мекунад.

Диссертатсия ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ пешниҳод карда мешавад.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

## ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи Кулиев Қудратулло Ҳабибуллоевич дар мавзуи «Таъсири нуриҳои органикӣ ва маъданӣ ба ҳосилнокӣ ва сифати бехпиёз дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D080902 – Сабзавотпарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-тадқиқотиашон ба ихтисоси 6D080902 - Сабзавотпарварӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

**- Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич** - доктори илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи технологияи инноватсионии ниҳолпарварии Институти боғу токпарварӣ ва сабзавоткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон;

**- Мирзоев Шуҷоатбек Давлатбегович** - номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01 – Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ, дотсенти кафедраи географияи иқтисодӣ ва экологияи факултети гуманитариву педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон.

3.Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии Данғара** пешниҳод карда мешавад.

4.Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5.Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Ахмедов Т.А.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

Доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Каримов М.

Номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсент Бобохониён З.Қ.

«20» ____12____ соли 2025